Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003
№ 508 тасдиқ шудааст

**Барномаи**
**давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004 – 2014**

**Муқаддима.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибихтиёру мустақил дар роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои нахустин мегузорад, ки он дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва маънавии кишвар тағйиротҳои муҳим ба амал меорад. Ба даст овардани мақоми узвияти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, тавсеаи робитаҳои байналхалқӣ, тақвияти робитаҳои иқтисодӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар, афзоиши равандҳои глобализатсия дар кулли соҳаҳои ҳаёти моддию маънавии ҷомеа маҷрои интегратсияю миграция, фароҳам овардани шароитҳои лозимии пешравии ин равандҳоро талаб менамояд.

Сатҳи кунунии технологияи иттилоотию комуникатсионӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муносибатҳои нави идораи соҳаи муоширати инсониро тақозо дорад, ки дар он забон мақоми махсусро ишғол мекунад.

Масъалаи рушди забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва забони русӣ ба ҳайси забони муошират байни миллатҳо аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки он дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст.

Дар баробари ин иқтисоди бозорӣ, тавсиаи равобити бисёрҷонибаи иқтисодӣ бо кишварҳои муштаракуулманофеъ (ИДМ) ва хориҷи дур, маҷрои пурсамари табодули дастовардҳои фарҳангӣ ва арзишҳои гуногуни маънавӣ, омӯзиши хуби забони русӣ ва англисиро тақозо дорад.

Дар робита ба ин Президенти Ҷумҳурӣ Э. Ш. Раҳмонов борҳо қайд намуд, ки сиёсати забонии ҳукумат дар баробари забони тоҷикӣ ба фаъолияти озодонаи забонҳои дигар мусоидатменамояд ва имкон медиҳад забонҳои дигар ҳам омӯхта шаванд. Аз ин рӯ, донистани за бонҳои русӣ ва англисӣ ягон вақт бар зарари забони давлатӣ нахоҳадбуд.

Интишори фармони Президенти ҷумҳурӣ Э. Ш. Раҳмонов аз 4 апрели соли 2003 «Дар хусуси такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сиёсати забонии давлатро дар оянда муайян менамоянд.

Ҳолати кунунии фаъолияти забони давлатӣ ва вазъи бисёрзабонӣ дар ҷумҳурӣ натиҷаи сиёсати забонии солҳои пешин аст. Илми забоншиносӣ ба таври мушаххсас вобастагии қонунии сатҳи бисёрзабониро аз дараҷаи донистан ва истифода намудани забони

модарӣ муайян намуд: хуб донистани забони хориҷӣ бидуни омӯзиши амиқи забони модарӣ номумкин аст. Ба таври дигар, агар ҳар қадар фарҳанги забони миллӣ баланд бошад, фарҳанги забони муошırати байни миллатҳо низ ҳамон андоза баланд мешаванд ва фарҳанги забонӣ дар навбати худ аз сатҳи фарҳанги мардум, аз тарбияи фарҳанги умумии инкишофи ҳаматарафаи шахсият вобаста аст.

Барои ҷумҳурии сермиллати Тоҷикистон, ба хотири муттаҳидии миллату халқиятҳои муқими он, ҳалли масоили забонӣ аҳамияти ҳаётан муҳим касб менамояд, ки ҳалли он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Инсонигардонии ҷомеа шояд ба зудтар қабулу амалӣ гаштани Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ, ки асоси онро ташаккули ҳаматарафаи шаҳрванди Тоҷикистон, хуб донистани забони модарӣ, азбар кардани забони русӣ ҳамчун забони муошırати байни миллатҳо, инчунин забони англисӣ ба ҳайси забони васеъ паҳншудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ташкил менамояд, мусоидат кунад.

Барномаи таҳияшуда муҳимтарин ҷиҳатҳои такмили омӯзиши забонҳои русӣ ва англисиро дар марҳилаи кунунии инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ фаро гирифта, ҳадаф, вазифа ва маҷрои амалигардонии онро дар ҷараёни таълим, кафолатҳои давлатию иҷтимоии омӯзандагон ва кормандони муассисоти таълимӣ ва дигар муассисоти соҳаи маориф, таъминоти тахассусӣ, илмӣ, моддӣ-техникӣ ва молиявии Барнома, ҳамкориҳои байналхалқиро муайян менамояд.

## 1. ВАЗЪИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Принсипи бефосила ба роҳ монда шудааст.

Дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ омӯзиши фанҳои мазкур аз смнфи оғоз мешавад. Тибқи барномаи таълимӣ барои омӯзиши забони русӣ аз синфи 2 то 11 дар ҳафта 27 соат ва барои забони англисӣ 24 соат ҷудо карда шудааст. Дар мактабҳои дорои равияҳои таълимии ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, математикӣ-иктисодӣ ва табиӣ барои омӯзиши ин забонҳо аз 18 то 20 соат дар ҳафта ҷудо гардидааст.

Дар низоми таълими ибтидоии касбӣ дар гурӯҳҳои тоҷикӣ омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ аз 50 то 200 соат дар сол пешбинӣ мешавад.

Дар гурӯҳҳои ғайризабонӣ, дар факултаҳои миёнаи махсус ва мактабҳои олӣ омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар тӯли чаҳор семестр идома меёбаду халос.

Дар 3677 мактаби таҳсилоти  миёнаи ҷумҳурӣ 7214 муаллими забони русӣ ва 1555 муаллими забони англисӣ кор мекунад.

Омода кардани мутахассисон барои муассисаҳои томактабӣ ва макотиби таҳсилоти таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омӯзишгоҳҳои миёнаи махсус ва таълимгоҳҳои олӣ сурат мегирад. Дар ҷумҳурӣ Донишкадаи давлатии забонҳо, ки бевосита ба омода кардани мутахассисони забонҳои русӣ ва англисӣ машғул аст, факултаи забон ва

адабиёти рус ва забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Қ. Ҷӯраев, Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славиянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Хоруғ фаъолият мекунанд. Дар ин бахшҳои Донишгоҳҳои тахассусӣ 14 кафедраи забон ва адабиёти рус (141 нафар устодон) ва 22 кафедраи забони англисӣ (273 нафар устодон) машғули коранд.

Дар омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ (коллеҷи омӯзгорию омӯзишгоҳҳо) аз рӯи ихтисоси забонҳои англисию русӣ барои мактабҳои маълумоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ муаллим тайёр карда мешавад.

Мувофиқи қарордодҳои байнидавлатӣ омода намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои дар боло зикршуда дар хорҷи кишвар (аз соли 1999 то соли 2003 дар Федератсияи Русия 4 нафар дар риштаи забони русӣ ва 10 нафар дар риштаи забони англисӣ таҳсил мекунад) идома дорад. Тибқи Барномаи Шӯрои амрикоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ дар ИМА, аз соли 1998 то соли 2003 дар Амрико 137 хонанда ва 34 муаллими мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ин соҳаҳо такмили дониш намуданд. Илова бар ин, соли 2002 ду нафар донишҷӯ ба Туркия барои омӯзиши забони англисӣ фиристода шуд.

Дар ҷумҳурӣ маркази омӯзиши интенсивии забонҳои русӣ ва англисӣ фаъолият дорад, ки онро мутахассисони маҳаллӣ бо кӯмаки ташкилотҳои баналмилалӣ таъсис додаанд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.05.1996, № 194 «Дар бораи такмили сохтори низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳангоми омӯзиши забонҳои русию англисӣ синфҳо ба гурӯҳҳои хурд (5-11 нафарӣ) ҷудо карда мешавад.

Ҳар сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои миёна ва донишҷӯёни макотиби олӣ аз рӯи тахассусҳои забонҳои русию англисӣ олимпиадаҳо гузаронида мешавад. Хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар олимпиадаҳои байналхалқӣ ширкат менамоянд.ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналхалқӣ ҳангоми дохилшавӣ ба мактабҳои олии ватанию хориҷӣ аз имтиёзҳо бархӯрдоранд.

Бо вуҷуди ин, ҳолати кунунии таълиму тадриси забонҳои русию англисӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвишовар аст. Ин ба заминаи сусти моддию методӣ, ба таври лозима аз нигоҳи техникӣ муҷаҳҳаз набудани муассисоти таълимӣ, сатҳи пасти таълим ва дараҷаи омодагӣ ва бозомӯзии мутахассисони педагогӣ, нарасидани адабиёти илмӣ, методӣ, лексикографию маълумотӣ, истифодаи ғайриқаноатбахши технологияю моделҳои замонавӣ, нарасидани мутахассисони баландихтисос ва паст будани маош вобаста аст.

Дар тӯли дас соли охир китобҳои нави дарсии забони русӣ барои мактабҳо дар ҷумҳурӣ омодаю чоп нашудананд.

Дар макотиби таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 913 нафар муаллими забони русӣ ва 3241 нафар муаллими забони англисӣ намерасад.

Нарасидани мутахассисон дар ҳамаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ эҳсос мешавад. Махсусан, вазъият дар риштаҳои тахассусии мактабҳои олии ҷумҳурӣ, ки машғули тайёр кардани мутахассисони педагогӣ, тарҷумонӣ, алоқаҳои байнифарҳангиянд, ташвишовар мебошад.

Масалан, дар ДДМТ аз шумораи умумии устодони забони англисӣ (35 нафар) ҳамагӣ як нафар унвони илмӣ дораду халос. Дар кафедраи забонҳои хориҷии ДДЗТ ягон нафар устоди соҳибунвон нест. Аз 58 нафар муаллимони факултаи забонҳои хориҷии ДДОТ ҳамагӣ се нафар номзади илманд. Ин гуна вазъиятро дар ҳамаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ мушоҳида кардан мумкин.

Шаклу механизмҳои мавҷудаи такмили ихтисос дар ҷумҳурӣ талаботи муассисоти кишварро ба кадрҳои баландихтисос қонеъ карда наметавонанд. Дар се соли охир (2001-2003) аз 7214 нафар муаллимони забони русӣ танҳо 322 нафар ихтисосашонро такмил додаанд, ки он ҳамагӣ 5 фоиз, аз 2736 нафар устодони забони англисӣ юошад, ҳамагӣ 196 нафар савияи ихтисосашонро баланд бардоштанд, ки он 7 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамаи ин андешидани тадбирҳои фаврии омӯзишу такмили минбаъдаи таълими забонҳои русию англисиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дорад.

Барномаи мазкур чораҳои мушаххасро дар мавриди амалӣ намудани фармони Президенти ҷумҳурӣ «Дар бораи такмили таълиму омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ менамояд.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО

Мақсади Барнома рушду такмили таълиму омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои Барнома аз инҳо иборатанд:

- рушди забони русӣ ҳамчун забони муошири байни миллатҳои ИДМ ва кишварҳои назди Балтик, халқҳои муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва забони англисӣ ҳамчун яке аз забонҳои дар ҷаҳон васеъ паҳншуда;
- ҷорӣ кардани омӯзиши пайвастаи забонҳои русию англисӣ аз муассисоти томактабӣ Сар карда, дар ҳамаи зинаҳои омӯзишӣ;
- навсозии мазмуну методҳои таълими забонҳои русию англисӣ мутобиқи Конепсияи миллии таҳсилоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омодаю бозомӯзонидани мақсадноки мутахассисони миллии забонҳои русию англисӣ;
- бо мақсади истифодаи амалӣ дар оянда ҳангоми фаъолияти касбӣ, муайян намудани самтҳои сифатан нави омода сохтани омӯзандагони забонҳои русию англисӣ;
- фароҳам сохтани заминаҳои моддию методӣ ва техники омӯзиши забонҳои русию англисӣ;
- таҳлили Барномаи омӯзиши забонҳои русию англисӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ;

•фароҳам сохтани асосҳои мўътамад барои омўзиши забонҳои русию англисӣ;

•таъмини асосҳои ҳуқуқҳии таълими забонҳои русию англисӣ дар бахши хусусӣ;

•таҳияи чораҳои комплексии тарғиби забонҳои русию англисӣ бо ёрии матбуоти даврӣ, телевизион ва радио.

Маҷмўи тадбирҳои дар Барномаи пешбинишуда барои иҷрои вазифаҳои зикршуда равона мегардад. Барои ин бояд заминаҳои фаъолияти бенизои забонҳои русию англисӣ дар шароити мавҷудаи бисёрзабонии кишвар, ба хотири тадриси забонҳои русию англисӣ дар ҳамаи зинаҳои раванди таълим дар асоси китобҳои нави таълимӣ, технологияи навтарини таълимӣ, ки бо дарназардошти забони модарӣ, фарҳанги мардуми тоҷик таҳия гардидаанд, фароҳам оварда шавад.

## 3. САМТИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМА ВА НАТИҶАҲОИ ЭҲТИМОЛИИ ОН

### а) Таҳсилоти томактабӣ

Самтҳои асосии рушди таҳсилоти томактабӣ аз инҳо иборанад:

• ҷорӣ намудани омўзиши забонҳои русию англисӣ тибқи стандартҳои мавҷудаи таълимӣ аз синни чаҳорсолагӣ;

• фароҳам овардани шароит барои рушди қобилияту таваҷҷўҳи бачагони синни томактабӣ, азҷумла бачагони дорои маҳдудияти ҷисмонӣ дар асоси муносибатҳои индивидуалӣ;

• таҳиву таъмини муассисоти томактабии ҷумҳурӣ бо барнома ва маводи методӣ-таълимии забонҳои русӣ ва англисӣ;

• ҷалби аҳли ҷомеа ва мақомоти худидораи маҳаллӣ ба хотири дар омўзиши забонҳои русӣ ва англисӣ кўмак намудан ба оилаҳое, ки фарзандони хурдсолашон ба муассисоти томактабӣ намераванд.

Натиҷаи эҳтимолии амалӣ сохтани Барнома иборат аз дуруст фаҳмидан дарк карда тавонистани нутқи русию англисӣ дар доираи мавзўю ҳолатҳо.

### б) Таҳсилоти миёнаи умумӣ

Самтҳои асосии рушди таҳсилоти умумӣ аз инҳо иборат аст:

•таҳияи барномаҳои навъи пайдарпай (аз синфи 1то 11)-и омўзиши забонҳои русию англисӣ дар мактабҳои ҷумҳурӣ бо дарназардошти технологияи навтарини омўзиш;

•ҷорӣ намудани омўзиши забони русӣ дар заминаи адабиёти классикӣ ва муосири рус;

•такмили сохтору мазмуни таълими забонҳои русӣ ва англисӣ;

•такмили низоми самтҳои касбинтиобкунӣ дар раванди азхудкунии забонҳо;

•фароҳам овардани шароит барои кӯдакони соҳибистеъдод дар омӯзиши забонҳои русию англисӣ бодарназардошти хусусиятҳои фардии онҳо;

Натиҷаи эҳтимолии амалӣ сохтани Барнома иборат аст аз ба шакл даровардани истифодаи мақсадноки забонҳои русию англисӣ дар доираи чаҳорчӯбаи давлатии омӯзиш дар мактабҳои миёна.

**в) Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

Самтҳои асосии таҳсилоти касбӣ аз инҳо иборат аст:

•таҳияи механизмҳои манфиатдории муассисаҳо ва мутахассисони донандаи забони русӣ ва англисӣ;

•навсозии мазмуну технологияи таълимӣ дар омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар маҷрои омодагии касбии муҳассилин;

•таъмини нигоҳдории иқтидори таҳсилоти миёнаи касбӣ ва Рушду такомули минбаъдаи низоми омӯзиши забонҳои русию англисӣ;

•такмили мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ, беҳтар намудани низоми омодасозии ихтисосмандон бо мақсади азхуднамоии забонҳои русию англисӣ ба хотири ҳамкориҳои пурсамар дар риштаи муоширaт бо намояндагони кишварҳои хориҷӣ.

Натиҷаи эҳтимолии амалгардонии Барнома иборат аст аз баланд бардоштани дараҷаи ба рақобат тобоварии ихтисосмандони донандаи забонҳои русию англисӣ дар бозори меҳнат.

**г) Таҳсилоти олӣ ва баъдаздонишгоҳии касбӣ**

Самтҳои асосии рушди таҳсилоти олӣ ва баъдаздонишгоҳии касбӣ аз инҳо иборат аст:

•тақвияти саҳми низоми таҳсилоти олӣ ва баъдаздонишгоҳии касбӣ дар ташаккули тадқиқотҳои амалӣ-илмӣ дар риштаи забонҳои русӣ ва англисӣ;

•такмили базаи меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва илмӣ-методии таҳсилоти олии касбӣ дар риштаи забонҳои русӣ ва англисӣ;

•фароҳам овардани супориши давлатӣ барои таъмини ихтисосмандони забонҳои русию англисӣ;

•такмили фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-техникӣ дар мактабҳои олӣ ва дигар муассисоти системаи маориф дар асоси рушди мактабҳои илмӣ;

•такмили ихтисос ва бозомӯзонии мутахассисони забонҳои русию англисӣ;

•таҳлили чораҳои ҷалби васеи донишҷӯён ба корҳои таҳқиқотӣ дар риштаи забонҳои Руси ва англисӣ.

Натиҷаҳои эҳтимолӣ: қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ба таҳсилоти олӣ ва касбии баъдаздонишгоҳӣ барои ҷомеа ва давлат дар бозомодасозии ихтисосмандоне, ки аз рӯи забонҳои русию англисӣ дараҷаи баланд доранд, аз ҷумла, ба воситаи аспирантураю докторантура; баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ ва касбӣ ва

дараҷаи омода кардани мутахассисони забонҳои русию англисии дорои таҳсилоти олии касбӣ; баланд бардоштани рақобатпазирии хатмкунандагони мактабҳои олӣ дар бозори меҳнат, инкишофи низоми омӯзиши фосилавии забонҳои русӣ ва англисӣ; таъмини дараҷаи баланди тахассусӣ доир ба забонҳои русӣ ва англисӣ ва усули тадриси онҳо; бо ихтисосмандони тарҷумонии соҳавии забонҳои русию англисӣ таъмин намудан; тавсиаи алоқаҳои илмию педагогӣ бо муассисоти илмию хориҷӣ.

**ғ) таҳсилоти иловагӣ**

•ташкили марказҳо, курсҳо барои хоҳишмандони омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ.

## 4. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

•тавсиаи алоқаҳои байналмилалии муассисоти таълимии ҷумҳурӣ бо созмонҳои кишварҳои хориҷӣ;

•омодасозии муаллимони забонҳои русӣ ва англисӣ дар донишгоҳҳо, устодони мактабҳои олӣ дар аспирантураю докторантураи кишварҳои хориҷӣ;

•мубодилаи донишҷӯён ва устодони риштаҳои забонҳои русию англисӣ бо кишварҳои хориҷӣ;

•бурдани таҳқиқотҳои муштарак дар соҳаи лингвистика ва методикаи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ;

•таҳияи маҷмӯаҳои омӯзишӣ барои муассисаҳои таълимӣ доир ба тадриси забонҳои русию англисӣ;

•ташкили симпозиумҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар доир ба масъалаҳои такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ;

•ба ҳамкорӣ дар омӯзиши забонҳои русию англисӣ ҷалб намудани созмонҳои байналмилалӣ, намояндагиҳо ва ғайра.

## 5. КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТИЮ ИҶТИМОӢ БА ОМӮЗАНДАГОН

•фароҳам овардани имкониятҳои интихоби барномаҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва фардикунонии таълим ба ин забонҳо, ба миён овардани шароит барои мустақилият ва бо кортаъминкунии хонандагон;

•таъмини шароит барои омӯзиши ашхоси дорои маҳдудиятҳои ҷисмонӣ;

•таҳияи чораҳои ҳавасмандгардонӣ барои муваффақиятҳо дар таҳсил ва фаъолияти илмӣ;

•ҷудо кардани маблағҳои буҷавию ғайрибуҷавӣ барои нигоҳдории объектҳои маданӣ-иҷтимоии системаи маориф ва дастгирии иҷтимоии омӯзандагони забонҳои русию англисӣ.

## 6. ҲАМОҲАНГИИ ИЛМИИ БАРНОМА

Таҳияву дар амл ҷорӣ намудани лоиҳаҳои навоваронаи Барнома ба таъминоти бештари илмӣ-методӣ эҳтиёҷ дорад, ки маблағгузории он дар шакли сармоягузории мақсаднок, дар доираи маблағгузории чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда сурат мегирад.

Иҷрои вазифаҳои дар барнома муайяншуда барои гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ самтҳои асосии зерини фаъолиятро дар назар дорад:

•бурдани таҳқиқотҳои бунёдию амалии илмӣ доир ба забонҳои руссию англисӣ;

•таҳияву амалигардонии барномаю лоиҳаҳои мақсадноки давлатӣ, соҳавӣ, байнидонишгоҳӣ, илмӣ, илмӣ-техникӣ ва навоваронаи таъминкунандаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ доир ба забонҳои русию англисӣ;

•таҳияву амалӣ сохтани тадбирҳо доир ба таъмини имтиёзноки таҳқиқотҳои илмии бунёдию амалӣ доир ба забонҳои русию англисӣ бо васоити молӣ ва захираҳои дигар, ки ба рушди самҳои асосии маориф ва ба даст овардани натиҷаи эҳтимолии Барнома мусоидат менамоянд;

•таъмини илмию методии таҳияи стандартҳои давлатии таълим, нақшаҳои намунавии таълимӣ, барномаҳои курсҳо, фанҳои таълимӣ ва асноди дигар, ки эҳтиёҷоти омӯзиши забонҳои русию англисиро муайян менамояд;

•дастгирӣ ва рушди низоми муассисаҳои илмӣ, марказҳои пажӯҳишӣ, мактабҳои илмӣ доир ба равандҳои асосии омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар асоси таъмини молиявии имтиёзноки он ва дигар шаклҳои мақсадноки дастгирии давлатӣ;

•таҳияи таъминоти иттилоотӣ- техникӣ ва ҷиҳатҳои тадорукотии амалигардонии Барнома;

•инкишофи ҳамкориҳои олимони Тоҷикистон, ки дар соҳаи омӯзиши забонҳои русию англисӣ таҳқиқот мебаранд, бо марказҳои илмии байналмилалӣ;

•беҳтаргардонии маблағгузории муассисаҳои илмӣ- таҳқиқотие, ки доир ба масъалаҳои забонҳои русию англисӣ таҳқиқотҳои илмӣ ва таҳияҳои илмӣ-методӣ менамоянд.

Натиҷаҳои эҳтимолии амалигардонии Барнома:

•дар амал васеъ ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимии марбути забонҳои русию англисӣ;

•барномаю лоиҳаҳои илмӣ, илмию амалӣ доир ба проблемаҳои асосии забонҳои русию англисӣ, ки амалӣ шудани Барномаро таъмин месозанд;

•пешгӯиҳои миёнамуддату дарозмуддат, талабот ба ихтисосмандон бо дарназардошти манофеи шахс, ҷомеа ва давлат;

•технологияву методҳои нави таълимию методии омӯзиши забонҳои русию англисӣ, аз ҷумла усусли фосилавӣ;

•дастгирии имтиёзноки давлатии нигоҳдорию рушди марказҳои муҳими илмӣ ва мактабҳои илмие, ки доир ба масоили забонҳои русию англисӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебаранд;

•бунёди бонки маълумотдиҳии барномаю лоиҳаҳои ватанию байналмилалӣ доир ба забонҳои русию англисӣ.

## 6. ТАЪМИНИ СОҲАИ НИЗОМИ МАОРИФ БО МАНБАЪҲО

Самтҳои асоси фаъолияти таъмин намудани ихтисосмандони забонҳои русию англисӣ:

•таҳияи асосҳои консепсуалии сиёсати кадрҳо дар риштаи омода кардани ихтисосмандони забонҳои русию англисӣ;

•рушди низоми омода кардан, бозомӯзонӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони забонҳои русию англисӣ, роҳбарон ва дигар кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла, роҳбарони сатҳи боло;

•ба вуҷуд овардани механизми ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ доир ба омодасозӣ ва бозомӯзонии устодони забонҳои русию англисӣ ва кормандони илмӣ педагогӣ;

•созмон додани механизми ба таври мақсаднок тайёр кардани муаллимони забонҳои русию англисӣ барои муассисаҳои таълимие, ки дар деҳот ва ноҳияҳои дурдаст ҷойгиранд;

•созмон додани механизм ба таври мақсаднок тайёр намудани омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ барои мактабҳои олии касбӣ ва Пажуӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ (ПИТ) тавассути магистратура, аспирантура ва докторантура;

•таҳияву амалигардонии тадбирҳои маблағгузории мақсаднок ва дастгирии иҷтимоии муаллимони забонҳои русию англисии мактабҳои деҳот;

•баланд бардоштани самаранокии усули аттестатсияи муаллимони забонҳои русию англисӣ.

Натиҷаҳои эҳтимолии Барнома аз инҳо иборатанд:

•таъмини ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ бо муаллимони забонҳои русӣ ва англисӣ;

•гирифтани пеши роҳи аз кори соҳаи маориф рафтани муаллимони забонҳои русию англисӣ;

•такмили низоми атестатсияи кормандони педагогӣ;

•такмили ихтисоси муаллимони забонҳои русию англисӣ, аз ҷумла, аз тариқи омӯзиши баъдаздонишгоҳӣ;

•амалӣ намудани созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳамкориҳо дар риштаи мубодилаи мутахассисони педагогӣ ва илмӣ-педагогии соҳаи забонҳои русию англисӣ.

## 8. ТАЪМИНИ ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Дастгирии рушди заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ яке аз шартҳои асосии амалӣ гаштани маҷрои таълим аст. Дар бисёр

мактабҳо нарасидани базаи зарурии моддӣ-техникӣ (компютер, синфҳои лингофонӣ ва ғайра) эҳсос мешаванд. Китобхонаҳои мактабҳо бо адабиёти лозимии забонҳои русию англисӣ таъмин нестанд.

Самтҳои асосии рушди он аз инҳо иборат аст:

•нигоҳдорию инкишофи базаи моддӣ-техникии таълимгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ тибқи талаботҳои стандартҳои далатии маориф, талаботу меъёрҳо доир ба забонҳои русию англисӣ;

•таҳияву амалигардонии тадбирҳои такмили пардохти музди меҳнати муаллимони забонҳои русию англисӣ;

Натиҷаҳои эҳтимолии амалигардонии Барнома аз инҳо иборатанд:

•нигоҳдорию инкишофи базаи моддӣ-техникии таълимгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ тибқи талаботҳои стандартҳои давлатии маориф, талаботу меъёрҳо доир ба забонҳои русию англисӣ;

•таҳияву амалигардонии тадбирҳои такмили пардохти музди меҳнати муаллимони забонҳои русию англисӣ.

Натиҷаҳои эҳтимолии амалигардонии Барнома аз инҳо иборатанд:

•инкишоф додани заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимии риштаи забонҳои русию англисӣ;

•таҳияву истеҳсоли намудҳои ояндадори васоити техникии таълим, асбобоҳои аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонҳои русию англисӣ;

•баланд бардоштани эътибори иҷтимоӣ ва ниёзмандӣ ба заҳмати кормандони системаи маориф, ки машғули таълими забонҳои русию англисианд;

•баланд бардоштани мақоми давлатию иҷтимоии кормандони муассисаҳои таълимӣ;

•амалӣ гардонидани дастгирии мақсадноки иҷтимоии кормандони мазкур;

•рушди низоми ҳавасмандгардонӣ, дастгирию такмили дараҷаи маҳорати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки машғули таълими забонҳои русию англисианд.

## 9.ТАЪМИНИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

•хароҷоти умумии маблағҳо барои рушди системаи таълими забонҳои русӣ англисӣ мутобиқи қонунгузории соҳаи маориф ва тадбирҳои таъмини кафолатҳои давлатии кормандони педагогӣ ва дигар кормандони системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст;

•таъминоти маблағгузории Барномаи таълимии забонҳои русӣ ва англисӣ давра ба давра пешбинӣ шудааст;

•муҳайё намудани шароит барои ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷавии маблағгузорӣ бе кам кардани меъёрҳо ва андозаҳои мутлақи маблағгузорӣ.

## 10. МАҶМӮИ ТАДБИРҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМА, МУТАХАССИСОН, ОМОДАСОЗӢ ВА БОЗОМӮЗӢ.

| № | Чорабиниҳо | Му хлати ичро | Масъулин | Маблағгузорӣ ( ҳисоби сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | буҷавӣ | ғайрибуҷавӣ | қарзҳо | |
| 1 | Омода сохтани пешниҳодот доир ба табдили институти давлатии забонҳо ба Донишгоҳи давлатии лингвистӣ | то 2008 | Вазорати маориф, Ваз. иқт ва савдо, Ваз. молия, Ваз. адлия | - | - | - | - |
| 2 | Бунёди маркази илмӣ-методии омода-созӣ ва бозомӯзии мутахассисони илмӣ- педагогии баландихтисос барои муассисаҳои таълимӣ дар назди Донишгоҳи Славиянии Русияву Тоҷикистон | 2005 | Вазорати маориф, Ваз. иқт ва савдо, Ваз. молия, Ваз корҳои хориҷӣ, Академияи илмҳо, ДСРТ | Аз ҳисоби маблағҳои ДСР | | | |
| 3 | Ташкили Шӯрои дифои рисолаҳои ном -задию докторӣ аз рӯи ихтисоси «методикаи таълими забонҳо» (13.00.02.) | 2007-2008 | Вазорати маориф, Ваз. иқт ва савдо, Ваз. молия, Ваз. адлия, Академияи илмҳо | Аз ҳисоби маблағҳои мактабҳои олӣ | | | |
| 4 | Мақсаднокии омода кардани муаллимони забонҳои русию англисӣ дар мактабҳои олию миёнаи махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 7) | 2004-2014 | Вазорати маориф, Ваз. иқт ва савдо, Ваз. молия, Ваз. адлия, Академияи илмҳо | 305.000 | 610.000 | - | |
| 5 | Тайёр кардани тарҷумонҳои соҳавӣ дар назди мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 9) | 2004-2014 | Вазорати маориф, Ваз. иқт ва савдо, Ваз. молия, | Аз ҳисоби маблағҳои мактабҳои олӣ | | | |
| 6 | Таҳқиқи вазъ ва фаъолияти забонҳои русию англисӣ дар ҶТ;<br>а) масоили забон ва адабиёт;<br>б) масоили фаъолияти забонҳои русӣ ва англисӣ;<br>в) омӯзиши муқоисавӣ дар соҳаи забонҳои русӣ ва англисӣ;<br>г) таъсири байниҳамдигарии забонҳо, адабиётҳо ва фарҳангҳо. | 2004-2014 | Вазорати маориф, мактабҳои олӣ, А И, АИП, Ваз. молия | Тибқи нақшаи институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мактаҳои олӣ маблағгузорӣ мешавад. | | | |
| 7 | Таҳқиқотҳо дар соҳаи забонҳои русӣ ва англисӣ | 2004-2014 | Вазорати маориф, Ваз. молия мактабҳои олӣ, АИ, АИП, СҒ | Мувофиқи нақ-шаи корҳои илм таҳқиқотӣ мабл гузорӣ мешавад | | | |
| 8 | Нашри луғатҳо, маълумотномаҳо, муҳоварaҳо ва ғайра доир ба забонҳои русию англисӣ (замимаи 11) | 2004-2013 | Вазорати маориф, Ваз. молия, муаллифон, СҒ | 36.600 | 27.450 | 27.450 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 9 | Таҳияи барномаҳо, китобҳои дарсӣ дастурҳои таълимӣ, маводи таълимӣ ғайра барои муассисаҳои томактабии бачагони ҶТ (замимаи 4) | 2004-2013 | Вазорати маориф, Ваз фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон, СҒ | 30.500 | 24.400 | 9.150 |
| 10 | Зиёд намудани соатҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ | 2004-2005 | Вазорати маориф, Ваз. молия, | Дар доираи нақшаҳои таълимӣ | | |
| 11 | Омодасозию ба нашр расонидани китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ-таълимии забонҳои русию англисӣ барои мактабҳои миёна (замимаҳои №3,5) | 2004-2013 | Вазорати маориф, Ваз. фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон, СҒ | 610.000 | Аз ҳисоби маблағҳои фурӯши китобҳои дарсӣ | |
| 12 | Таҳияи барномаҳои компютерӣ доир ба забонҳои русӣ ва англисӣ | 2004-2006 | Вазорати маориф, Ваз фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон, СҒ | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маори | | |
| 13 | Омода кардани дастурҳои таълимии базавӣ барои доираи васеи аҳолӣ: «Забони русӣ барои ҳама», «Забони англисӣ барои ҳама» | 2006-2008 | Вазорати маориф, Ваз иқт ва савдо, Ваз. молия, муаллифон, СҒ | 9.150 | 9.150 | 9.150 |
| 14 | Омода кардани дастурҳои таълимии забони русӣ барои факултаҳои ғайрифилологӣ | 2006-2007 | Вазорати маориф, Ваз фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон, | 12.200 | 12.200 | 12.200 |
| 15 | Омода кардани дастурҳои таълимии забони англисӣ барои факултаҳои ғайрифилологӣ | 2006-2007 | Вазорати маориф, Ваз фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон, | 12.200 | 12.200 | 12.200 |
| 16 | Омода сохтани китобҳои дарсӣ доир ба типологияи забонҳои англисию тоҷикӣ, русию тоҷикӣ | 2004-2005 | Вазорати маориф, Ваз фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон, СҒ | 9.760 | 7.320 | 7.320 |
| 17 | Омода сохтани китоби дарсӣ доир ба методикаи таълими забони русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ | 2004-2006 | Вазорати маориф, Ваз фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон | 12.200 | 12.200 | |
| 18 | Омодасозии китоби дарсӣ доир ба методикаи таълими забони англисӣ дар мактабҳои тоҷикӣ | 2004-2006 | Вазорати маориф, Ваз фарҳанг, Ваз. молия, муаллифон, СҒ | 12.200 | 12.200 | |
| 19 | Такмили механизмҳои таъмини мубодилоти байналмилалӣ, ширкати дониш-ҷӯён ва мутахассисони забонҳои русию англисӣ дар конференсияҳо, семинарҳо, намоишгоҳҳо, олимпиадаҳои байналмилалии талабагону донишҷӯён доир ба забонҳои русию англисӣ ва дигар чорабиниҳои байналхалқӣ | | Вазорати маориф, мактабҳои олӣ, хукуматҳои маҳаллӣ, СҒ | 18.300 | 13.725 | 13.725 |
| 20 | Ширкат дар таҳия ва амалӣ сохтани барномаю лоиҳаҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои забонҳои русӣ ва англисӣ | 2004-2014 | Вазорати маориф, Академияи илмҳо, мактабҳои олӣ | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21 | Ба роҳ мондани мубодилаи устодону донишҷӯён бо кишварҳои хориҷӣ (Русия, Англия, ИМА) | 2004-2014 | Вазорати маориф, Ваз. молия, Ваз. корҳои хориҷӣ, мактабҳои олӣ | | | | |
| 22 | Ширкати олимону донишҷӯёни тоҷик дар барномаҳои байналмилалӣ доир ба омӯзиш, ки фондҳои дар Тоҷикистон будаи байналмилалӣ амалӣ месозанд (Сафоратҳои ИМА, Англия, Русия, ЮНЕСКО, Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон, Фонди Сорос, Фонди Оғохон, ЮНИСЕФ ва ғ.) | ҳамеша | Вазорати маориф, Ваз. корҳои хориҷӣ, Ваз. молия, СҒ | | | | |
| 23 | Бурдани таҳқиқотҳои муштараки илмӣ-методӣ дар риштаи методикаи таълими забонҳои русию англисӣ бо созмонҳои байналмилалӣ | ҳамеша | Вазорати маориф, Ваз. корҳои хориҷӣ, Ваз фарҳанг, Академияи илмҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, СҒ | Мувофиқи барномаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии мактабҳои олӣ | | | |
| 24 | Иштироки ташкилотҳои байналхалқӣ дар омода сохтани мутахассисони забонҳои русию англисӣ дар базаи муассисаҳои таълимӣ тибқи қарордодҳои байналмилалӣ | ҳамеша | Вазорати маориф, Ваз. корҳои хориҷӣ, Ваз. фарҳанг, Академияи илмҳо, Ваз. молия, ташкилотҳои байналмилалӣ, СҒ | Мувофиқи шартномаҳои байнидавлатӣ | | | |
| 25 | Фароҳам овардани заминаҳои моддию таълимӣ барои тайёр намудани муаллимони забонҳои русию англисӣ | 2004-2014 | Вазорати маориф, ҳукуматҳои маҳаллӣ, Вазорату идораҳои дахлдор | 305.000 | 610.000 | 61.000 | |
| 26 | Омода намудани кадрҳои баландихтисос (илмӣ) доир ба забонҳои русӣ ва англисӣ (замимаи 6) | 2004-2014 | Вазорати маориф, корҳои хориҷӣ, иқтисод ва савдо, молия, мактабҳои олӣ. | 305.000 | 305.000 | | |
| | Ҷамъ | | | 1.678.110 | 1.655.845 | 701.195 | |

**Замимаи №1**

# НАҚШАИ
## Дар оянда тайёр кардани муаллимони забонҳои русӣ ва англисӣ дар коллеҷҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Ихтисос | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **КОЛЛЕҶИ ПЕДАГОГИИ ДУШАНБЕ** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони англисӣ | 24/20 | 24/19 | 24/20 | 24/22 | 24/20 | 48/40 | 24/20 | 28/40 | 24/19 |
| 2 | Муаллими забони русӣ | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/19 | 24/19 | 24/19 | 24/20 | 24/19 | 24/20 |
| **КОЛЛЕҶИ ПЕДАГОГИИ Ш. ХУҶАНД** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони англисӣ | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/22 | 24/20 | 48/40 | 48/42 | 24/20 | 24/20 |
| 2 | Муаллими забони русӣ | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/22 | 24/19 | 24/20 | 24/20 | 24/19 | 24/19 |
| **КОЛЛЕҶИ ПЕДАГОГИИ КӮЛОБ** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони англисӣ | 24/19 | 24/18 | 24/18 | 24/18 | 24/19 | 24/20 | 24/19 | 24/19 | 24/18 |
| 2 | Муаллими забони русӣ | 24/18 | 24/18 | 24/18 | 24/18 | 24/19 | 24/19 | 24/19 | 24/18 | 24/18 |
| **КОЛЛЕҶИ ПЕДАГОГИИ ҚӮРҒОНТЕППА** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони англисӣ | 24/18 | 24/19 | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/18 | 24/19 | 24/20 | 24/18 |
| 2 | Муаллими забони русӣ | 24/20 | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/18 | 24/18 | 24/19 | 24/20 | 24/20 |
| | Ҷамъ: | 192/149 | 192/152 | 192/154 | 192/161 | 192/154 | 240/194 | 216/178 | 194/175 | 192/152 |

Эзоҳ: дар нақша рақами аввал нақшаи қабул ва рақами дуюм микдори хатмкунандагонро ифода мекунад.

**Замимаи №2**

**НАҚШАИ**

**Дар оянда тайёр кардани муаллимони забонҳои русӣ ва англисӣ дар омӯзишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Ихтисос | ОМӮЗИШГОҲҲО | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | НАҚШАИ ҚАБУЛУ ХАТМКУНӢ | | | | | | | | |
| | | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 |
| **ОМӮЗИШГОҲИ ПЕДАГОГИИ КОНИБОДОМ** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони русӣ | 24/19 | 24/18 | 24/19 | 24/19 | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/20 |
| 2 | Муаллими забони англисӣ | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/18 | 24/18 | 24/20 | 24/19 | 24/20 | 24/20 |
| **ОМӮЗИШГОҲИ ПЕДАГОГИИ ҲИСОР** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони русӣ | 24/20 | 24/20 | 24/19 | 24/18 | 24/19 | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/18 |
| 2 | Муаллими забони англисӣ | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/19 | 24/20 | 24/19 | 24/20 | 24/20 | 24/20 |
| **ОМӮЗИШГОҲИ ПЕДАГОГИИ ҚАБОДИЁН** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони русӣ | 24/18 | 24/19 | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/19 | 24/18 | 24/20 |
| 2 | Муаллими забони англисӣ | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/19 | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/20 |
| **ОМӮЗИШГОҲИ ПЕДАГОГИИ ҒАРМ** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони русӣ | 24/19 | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/20 | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/20 |
| 2 | Муаллими забони англисӣ | 24/18 | 24/19 | 24/20 | 24/20 | 24/19 | 24/18 | 24/20 | 24/20 | 24/18 |
| **ОМӮЗИШГОҲИ ПЕДАГОГИИ ПАНҶАКЕНТ** | | | | | | | | | | |
| 1 | Муаллими забони русӣ | 24/18 | 24/19 | 24/19 | 24/19 | 24/20 | 24/18 | 24/18 | 24/20 | 24/18 |
| 2 | Муаллими забони англисӣ | 24/18 | 24/19 | 24/19 | 24/18 | 24/19 | 24/18 | 24/19 | 24/18 | 24/18 |
| | **Ҷамъ дар ҷумҳурӣ** | **240/ 188** | **240/ 192** | **240/ 196** | **240/ 191** | **240/ 194** | **240/ 189** | **240/ 195** | **240/ 196** | **240/ 192** |

**Замимаи №3**

# НАҚШАИ
## Омодаю чопи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба забони англисӣ дар солҳои 2004-2014

| ТЕЪДОД БА ҲИСОБИ ҲАЗОР НУСХА (АЗ РӮИ СОЛҲО) | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **НОМГӮЙ** | **2004** | **2005** | **2006** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** |
| **1** | **English** | **100** | | | | **100** | | | | **100** | |
| | **Дастур барои китоб** | **4** | | | | **4** | | | | **4** | |
| **2** | **English** | **100** | | | | **100** | | | | | **100** |
| | **Дастур барои китоб** | | **4** | | | | **4** | | | | **4** |
| **3** | **English** | **100** | **100** | | | **100** | | | | **100** | |
| | **Дастур барои китоб** | **4** | **4** | | | | **4** | | | **4** | |
| **4** | **English** | **100** | | | | **100** | | | | **100** | |
| | **Дастур барои китоб** | **4** | | | | **4** | | | | **4** | |
| **5** | **English** | | | **100** | | | | **100** | | | |
| | **Дастур барои китоб** | | | **4** | | | | **4** | | | |
| **6** | **English** | | | **90** | | | | **90** | | | |
| | **Дастур барои китоб** | | | **4** | | | | **4** | | | |
| **7** | **English** | | | **100** | | | | **100** | | | |
| | **Дастур барои китоб** | | | **4** | | | | **4** | | | |
| **8** | **English** | | | **100** | | | | **100** | | | |
| | **Дастур барои китоб** | | | **4** | | | | **4** | | | |
| **9** | **English** | **100** | | | | **100** | | | | | **100** |
| | **Дастур барои китоб** | **4** | | | | **4** | | | | | **4** |
| **10** | **English** | | | | **100** | | | | **100** | | |
| | **Дастур барои китоб** | | | | **4** | | | | **4** | | |
| **11** | **English** | **100** | | | | **100** | | | | **100** | |
| | **Дастур барои китоб** | **4** | | | | **4** | | | | **4** | |
| | **Ҷамъ:** | **600<br>20** | **100<br>8** | **390<br>16** | **100<br>4** | **600<br>16** | **8** | **390<br>16** | **100<br>4** | **400<br>16** | **200<br>8** |

Замимаи № 4

# НАҚШАИ
## Омодаю ба чоп расонидани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ барои муассисаҳои томактабии бачагона дар солҳои 2004-2007

| синфҳо | НОМГӮИ КИТОБҲО | ТЕЪДОД (ДАР СОЛ) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | ҷамъ |
| 1 | Инкишофи нутқ –маҷмӯи расмҳо (албоми) намоишӣ барои кӯдакони синнашон калон ва томактабӣ | | 30000 | | | 30000 |
| 2 | Хрестоматия барои бачагони синни томактабӣ (маҷмуаи шеърҳо, афсонаҳо, ҳисобкуниҳо, ҳикоятҳо ва ғайра) | | | | 30000 | 30000 |
| 3 | Апликатсияҳо (Албоми дорои нақшҳои санъати тоҷик) | | | 30000 | | 30000 |
| 4 | Гуфтанро меомӯзем-дастури аёнии таълимӣ барои бачагони синни миёнаи калон | | | 30000 | | 30000 |
| 5 | Шинохти Дунё-дастури аёнии таълимӣ барои инкишофи фаъолияти маърифатӣ (барои кӯдакони синни томактабӣ) | | | 30000 | | 30000 |
| 6 | Худам месозам-албоми тарбиявӣ доир ба меҳнати дастӣ | | | | 30000 | 30000 |
| 7 | Алифбо (дастур барои бачагони 5-6 сола) | | | 30000 | | 30000 |
| 8 | Калом (Слово) (Китоби дарсии забони русӣ) | | | | 30000 | 3000 |
| 9 | Мусиқӣ (маҷмӯаи сурудҳо, мусиқии кӯдаконаи оҳангсозон) | 10000 | | | | 10000 |
| 10 | Маҷмуа-албоми суратҳои пурнақш «Муҳити атроф» | | | 30000 | | 30000 |
| 11 | Дастурҳо барои мурабияҳо:<br>а) машқҳои фонетикӣ: намунаҳои саволу ҷавобҳо, ифодаҳои алоқадор, бозиҳои ахлоқӣ, афсонаҳо, шеърҳо<br>б) аёният: бозичаҳо, аксҳои мазмундори ашёҳо, ҳолатҳо ва муляжҳо | | | | 3000<br>10000 | 3000<br>10000 |
| 12 | Дискҳо, касетаҳо барои тамошо ва шунидани нутқи даҳонии кӯдакон | | 2000 | 2000 | 2000 | 6000 |
| 13 | Этикет (Албоми мунаққаш барои кӯдакони синни калони мактабӣ) | | 30000 | | | 30000 |
| | **Ҷамъ:** | **10000** | **92000** | **122000** | **105000** | **319000** |

**Замимаи № 5**

# НАҚШАИ
## омодаю ба чоп расонидани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба забони русӣ дар солҳои 2004-2013

| Синфҳо | НОМГӮЙ | ТЕЪДОД БА ҲИСОБИ ҲАЗОР (ДАР СОЛ) | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
| 1 | Азбука | | 180 | | | | 180 | | | | 180 |
| | Роҳнамо ба китоби «Азбука» | | 8 | | | | 8 | | | | 8 |
| 2 | Нутқи русӣ | 180 | | | 180 | | | | 180 | | |
| | Роҳнамо ба китоби «Русская речь» | 8 | | | 8 | | | | 8 | | |
| 3 | Нутқи русӣ | | 170 | | | | 170 | | | | 170 |
| | Роҳнамо ба китоби «Русская речь» | | 8 | | | | 8 | | | | 8 |
| 4 | Нутқи русӣ | | 170 | | | | 170 | | | | 170 |
| | Роҳнамо ба китоби «Русская речь» | | 5 | | | | 5 | | | | 5 |
| 5 | Нутқи русӣ | | | 170 | | | | 170 | | | |
| | Роҳнамо ба китоби «Русская речь» | | | 8 | | | | 8 | | | |
| 6 | Забони русӣ | | | 170 | | | | 170 | | | 170 |
| | Роҳнамо ба китоби «Русский язык» | | | 8 | | | | 5 | | | 5 |
| 7 | Забони русӣ | | | 160 | | | | 160 | | | |
| | Роҳнамо ба китоби «Русский язык» | | | 5 | | | | 5 | | | |
| 8 | Забони русӣ | | | 155 | | | | 155 | | | |
| | Роҳнамо ба китоби «Русский язык» | | | 8 | | | | 8 | | | |
| 9 | Забони русӣ | | | | 150 | | | | 150 | | |
| | Роҳнамо ба китоби «Русский язык» | | | | 8 | | | | 8 | | |
| 10 | Забони русӣ | | 65 | | | | 65 | | | | |
| | Роҳнамо ба китоби «Русский язык» | | 8 | | | | 8 | | | | |
| 11 | Забони русӣ | | 60 | | | | 60 | | | | |
| | Роҳнамо ба китоби «Русский язык» барои синфи 11 | | 5 | | | | 5 | | | | |
| | **Ҷамъ:** | **1808** | **47534** | **65529** | **33016** | | **64534** | **65526** | **33016** | | **6902** |

Замимаи № 6

**Омода кардани мутахассисони баландихтисоси забонҳои русӣ ва англисӣ**

| Мактабҳои олӣ | ихтисос | Омода кардани олимон (аз рӯи солҳо) | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2007 | | 2008 | | 2009 | | 2010 | | 2011 | | 2012 | | 2013 | | ҷамъ | |
| | | н.и. | д.и. | н.и. | д.и. | н.и. | д.и. | н.и. | д.и. | н.и. | д.и. | н.и. | д.и. | н.и. | д.и. | н.и. | д.и. |
| ДДМТ | метод. | 1/1 | | | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | | 1/1 | 1/1 | | 10 | 6 |
| | филол | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 12 | 8 |
| ДДОТ | метод. | 1/1 | | 1/1 | - | 1/1 | 1/1 | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | 1/1 | 14 | 8 |
| | филол | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 14 | 6 |
| ДДЗТ | метод. | 1/1 | | 1/1 | | - | 1/1 | 1/1 | | | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 10 | 6 |
| | филол | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 12 | 8 |
| ДСРТ | метод. | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 2/2 | 16 | 10 |
| | филол | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | 14 | 6 |
| ДДК Қӯрғон-теппа | метод. | 1/1 | | | | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | | | | 1/1 | 6 | 4 |
| | филол | | | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | | | | 1/1 | | | | | 6 | 4 |
| ДДХ | метод. | | | 1/1 | | | 1/1 | | | 1/1 | | | 1/1 | 1/1 | | 8 | 6 |
| | филол | 1/1 | | | | 1/1 | 1/1 | | | 1/1 | 1/1 | | | | 1/1 | 6 | 6 |
| ДД Хоруғ | метод. | | | 1/1 | | | 1/1 | | | | | | 1/1 | 1/1 | | 8 | 4 |
| | филол | | | | | 1/1 | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | | | 1/1 | 1/1 | 1/1 | 6 | 4 |
| | ҳамагӣ | 11/11 | 2/2 | 11/11 | 6/6 | 12/11 | 9/9 | 10/11 | 9/10 | 10/10 | 7/7 | 8/8 | 9/9 | 12/12 | 9/9 | 74/75 | 44/43 |

**Замимаи № 7**

## НАҚШАИ

**дар оянда мақсаднок тайёр кардани кормандони илмӣ-педагогӣ доир ба забонҳои русию англисӣ аз тариқи аспирантураю докторантура дар хориҷа**

| шӯъбаҳо | Ихтисос | ТАЙЁР КАРДАНИ ОЛИМОН (АЗ РӮИ СОЛҲО) | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2005** | | **2006** | | **2007** | | **2008** | | **2009** | | **2010** | | **2011** | | **2012** | | **2013** | | **Ҷамъ:** | |
| | | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** | **асп** | **док** |
| Аз забони русӣ | методика | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | - | 1 | 1 | - | - | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 9 | 7 |
| | филология | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | - | - | - | 1 | - | - | 1 | - | 1 | 1 | - | - | 5 | 5 |
| Аз забони англисӣ | методика | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | - | 1 | - | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 10 | 7 |
| | филология | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | - | - | - | 1 | - | 1 | 1 | - | - | 7 | 5 |
| | **Ҷамъ** | 4 | 4 | 5 | 4 | 5 | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 4 | 2 | 4 | 4 | 2 | 2 | 31 | 19 |

**Замимаи № 8**

## НАҚШАИ

**Дар оянда тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси забонҳои русӣ ва англисӣ барои ВАО (васоити ахбори омма)**

| № | **Мактабҳои олӣ** | **ТАЙЁР КАРДАНИ ОЛИМОН** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2004** | | **2005** | | **2006** | | **2007** | | **2008** | | **2009** | | **2010** | | **2011** | | **2012** | | **2013** | |
| | | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* | *радио, телевизион* | *матбуот* |
| 1 | ДДМТ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 2 | ДСРТ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 3 | ДДХ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 4 | ДДЗТ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| | ҷамъ | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 |

**Замимаи № 9**

**НАҚШАИ**
**Дар оянда тайёр кардан ва соҳибихтисос гардонидани тарҷумонҳои забони англисӣ барои солҳои 2005-2013**

| Мак. Олӣ | СОҲА | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ДСРТ | ҳуқуқ | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 |
| | рӯзноманигорӣ | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 |
| ДДОТ | Гуманитарӣ | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 |
| ДДЗТ | Гуманитарӣ | | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 |
| ДДМТ | Лингвистика | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| | ҳуқуқиёт | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| | Иқтисод ва идоракунӣ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| | Геология | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| | Ҳарбӣ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДДТТ | Тандурустӣ | | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 |
| ДДХ | Иқтисодиёт ва идоракунӣ | | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| | Рӯзноманигорӣ | | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДАТ | Аграрӣ техникӣ | | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДТТ ба номи Осимӣ | Техникӣ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДСХТ | Хизмат, тиҷорат | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДТТ | Технология | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДДТТ | Иқтисод ва идоракунӣ дар соҳаи савдо | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДДСТ | Фарҳанг ва санъат | | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| ДНТ | Нақлиёт | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |

**Замимаи № 10**

**НАҚШАИ**

**Дар оянда тайёр кардани мутахассисон дар мактабҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2004-2013**

| № | Мактабҳои олӣ | Забон/сол | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ДДМТ | Забони русӣ | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | **250** |
| | | Забони англисӣ | | | | | | | | | | | |
| 2 | ДДОТ | Забони русӣ | 25 | 25 | 55 | 25 | 25 | 25 | 55 | 25 | 25 | 25 | **310** |
| | | Забони англисӣ | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | **1200** |
| 3 | ДСРТ | Забони русӣ | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | **500** |
| | | Забони англисӣ | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | **450** |
| 4 | ДДЗТ | Забони русӣ | 125 | 125 | 150 | 150 | 150 | 150 | 150 | 175 | 175 | 175 | **1525** |
| | | Забони англисӣ | 36 | 36 | 36 | 48 | 48 | 48 | 48 | 48 | 60 | 60 | **468** |
| 5 | ДДК | Забони русӣ | 75 | 75 | 90 | 90 | 115 | 115 | 140 | 140 | 165 | 165 | **1170** |
| | | Забони англисӣ | 48 | 48 | 60 | 60 | 72 | 72 | 84 | 84 | 96 | 96 | **720** |
| 6 | ДДХ | Забони русӣ | 100 | 125 | 125 | 150 | 150 | 175 | 175 | 175 | 200 | 200 | **1600** |
| | | Забони англисӣ | 122 | 134 | 146 | 160 | 172 | 184 | 200 | 184 | 200 | 200 | **1702** |
| 7 | ДД Хоруғ | Забони русӣ | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | 36 | 36 | 36 | 36 | 36 | **305** |
| | | Забони англисӣ | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 36 | 36 | 36 | 36 | 36 | **300** |
| 8 | ДД Қӯрғонтеппа | Забони русӣ | 25 | 25 | 25 | 37 | 37 | 37 | 37 | 37 | 37 | 37 | **304** |
| | | Забони англисӣ | 48 | 48 | 48 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | **560** |
| | ҷамъ | Забони русӣ | 450 | 475 | 545 | 552 | 577 | 613 | 668 | 663 | 713 | 713 | **5964** |
| | | Забони англисӣ | 443 | 455 | 479 | 517 | 541 | 565 | 593 | 577 | 617 | 617 | **5404** |

**Замимаи № 11**

## НАҚШАИ
## дар оянда ба чоп расонидани луғатҳо дар солҳои 2004-2007

| № | МӮҲЛАТИ ИҶРО | СОЛИ НАШР | МАСЪУЛИН |
|---|---|---|---|
| 1 | **Луғати тоҷикӣ-русӣ** | 2004 | Академияи илмҳо, Вазорати фарҳанг |
| 2 | **Луғати англисӣ-тоҷикӣ** | 2004-2005 | АИ, ДСРТ, Иттиҳодияи устодони забони англисии ҷумҳурӣ |
| 3 | **Луғати тоҷикӣ-англисӣ** | 2004 | АИ, ДСРТ |
| 4 | **Луғати русӣ-тоҷикӣ-англисӣ** | 2005 | АИ, ДСРТ, Вазорати фарҳанг |
| 5 | **Луғатҳои англисӣ-тоҷикии соҳавӣ (астрономӣ, тиббӣ, сохтмонӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. )** | 2005-2007 | АИ, ДСРТ, Вазорати фарҳанг |

**Замимаи № 12**

## Маблағгузории барномаи тайёр кардани муаллимони забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) аз соли 2004 то 2014 (10 сол)

| **КУЛЛИ АРЗИШИ БАРНОМА** | **4.035.150 (1.323.000 $)** |
|---|---|
| ***Аз ҷумла, аз рӯи сарчашмаҳои маблаггузорӣ*** | |
| 1. Буҷаи ҷумҳурӣ | **1.678.110 (550.200 $)** |
| 2 Сарчашмаҳои | **1. 655.845 (542.900 $)** |
| 3. Сармоягузорӣ (хориҷӣ) | **701.195 (229.900 $)** |
| Ҷамъ: | **4.035.150 (1.323.000$)** |

**ИХТИСОРОТ**

1. **АИ- Академияи илмҳо**
2. **АИП-Академияи илмҳои педагогӣ**
3. **МБТ- Муассисаҳои бачагонаи томактабӣ**
4. **д.и- Доктори илм**
5. **ДДК- Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
6. **ДДҚ- Донишгоҳи давлатии Қӯғонтеппа**
7. **н.и.- Номзади илм**
8. **СҒ- Созмонҳои ғайридавлатӣ**
9. **СММ- Созмони Милал Муттаҳид**
10. **ҶТ- Ҷумҳурии Тоҷикистон**
11. **ДСРТ- Донишгоҳи славиянии Руссияву Тоҷикистон**
12. **ФР- Федератсияи Русия**
13. **ИДМ- Иттиҳоди давлатҳои мустақил**
14. **ИМА- Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**
15. **ДАТ- Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
16. **ДДЗТ- Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон**
17. **ДДТТ- Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон**
18. **ДДМТ- Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон**
19. **ДДОТ- Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев**
20. **ДСХТ- Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон**
21. **ДТТ- Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
22. **ДДХ- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
23. **ДДХ- Донишгоҳи давлатии Хоруғ**
24. **ДДТТ- Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**
25. **ДДСТ- Донишгоҳи давлатии санъати Тоҷикистон**
26. **ДНТ- Донишкадаи нақлиёти Тоҷикистон**